КУМИТАИ ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

МАРКАЗИ ЗАХИРАВИИ ОРХУС

# Идоракунии ҳамгироёна (интегратсиони)-и захираҳои об

Душанбе -2015

**Аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи об (20 августи соли 2013, ш.Душанбе)**



Имрӯз масъалаи асосие, ки дар назди ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифтааст, аз он иборат аст, ки ба чӣ тариқ ӯҳдадориҳои эълоншуда метавонанд ба амалиёт ва нақшаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи об пайваста, татбиқи комилу амалии худро ҷиҳати беҳбуди ҳаёти ҳар фард пайдо намоянд. Дар оғози фаъолияти муштараки мо дар чаҳорчӯбаи Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт», ки бо Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола иртиботи ногусастанӣ дорад, дар назди мо айнан чунин масъала меистод.

Тавре маълум аст, захираҳои об дар самти расидан ба ҳадафҳои рушд, ки дар Эъломияи Ҳазорсола дарҷ ёфтаанд, аҳамияти аввалиндараҷа касб кардаанд. Ҷаҳду талоши мо оид ба рафъи камбизоатӣ ва гуруснагӣ, таъмини баробарӣ ва васоили зиндагӣ, коҳиш додани осебпазирӣ ва ҳалли масъалаҳои тандурустӣ дар ҳоле, ки дар манотиқи зиёди сайёра нархи оби ошомиданӣ аз нархи сӯзишворӣ болотар рафтааст, ба рушду идораи оқилонаи захираҳои об вобастагии зич дорад.

Мо раванди пешбарии ғояро оид ба зарурати таҳияи Ҳадафи алоҳидаи рушди устувор дар соҳаи захираҳои об пуштибонӣ мекунем ва зарур медонем, ки ҳангоми таҳияи умумии ин ҳадафҳо унсурҳои мазкур ба ҳисоб гирифта шаванд:

- таъмини дастрасии комил ба оби безарари ошомиданӣ ва санитария;
- ҷорӣ намудани идораи воҳиду муттаҳидаи захираҳои об дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ;
- баланд бардоштани самаранокии истифодаи об ва истифодаи дуюмбораи он;
- маблағгузории кофӣ ва сармоягузории иншооти хоҷагии об ва инфрасохтор, ироа ва татбиқи технологияҳои навтарин;

- бунёди василаҳои мутақобилан қобили қабул оид ба ҷамъоварӣ ва табодули иттилооту маълумот.
Ба инобат гирифтани омилҳои зерин, ки ҳангоми таҳияи диди нав оид ба масъалаҳои об чаҳорчӯба ва имконоти ҳамдастиву ҳамкориро муайян месозанд, онро тақвият хоҳанд дод.

Аввалан, тағйирёбии иқлим ба захираҳои об таъсири манфӣ дошта, ба саъю талошҳои мо дар самти расидан ба ҳадафҳои рушд осеб мерасонад. Масалан, тӯли чанд даҳсолаи ахир пиряххҳои Тоҷикистон, ки аз муҳимтарин манбаъҳои оби минтақаанд, қариб 30 фоизи ҳаҷми худро гум кардаанд ва ин тамоюл пайваста идома дорад.Дар ин муддат аз 14 ҳазор пиряххҳои мо ҳазортои онҳо ба куллӣ нобуд шуданд. Фақат пиряхи Федченко – бузургтарин пиряхи қитъаи хушкии Заамин – дар ин давра қариб 1 километр кӯтоҳ шуда, масоҳаташ ба андозаи 11 километри мураббаъ ихтисор гаштааст ва ҳаҷман тақрибан 2 километри мукааби ях талаф ёфтааст.Бо дарназардошти он, ки қариб 60 фоизи захираҳои оби ҳавзаи баҳри Арал дар қаламрави Тоҷикистон ташаккул меёбанд, чунин вазъ боиси нигаронии ҷиддист ва андешидани тадбирҳои фавриро доир ба мутобиқсозӣ ва эҷоди устуворӣ нисбат ба тағйироти иқлим тақозо дорад.

Дуюм ин, ки афзоиши аҳолӣ ва зиёд шудани эҳтиёҷ ба захираҳои об вазифаҳои наву фарогирро ба миён мегузоранд.Масалан, дар минтақаи Осиёи Марказӣ масоҳати заминҳои обӣ аз 2,2 миллион гектари аввали асри XX то 9 миллион гектари ҳозира ва теъдоди аҳолӣ аз 20 миллион нафари соли 1956 то 63 миллион нафар дар соли 2010 афзоиш ёфтааст.Дар олами муосир талабот ба захираҳои об босуръат афзун мегардад, ки ин, дар навбати худ, боиси шиддат гирифтани муносибатҳои байниҳамдигарии соҳаҳои мухталифи иқтисод мегардад.Тезутунд шудани рақобат барои захираҳои об дар шароити афзоиши камбуди он қодир аст, ки ҳатто дар дохили як мамлакат ба пайомадҳои номатлуб боис гардад.

Сеюм, ба инобат гирифтани ҷанбаи гендерии масоили соҳаи об зарур аст. Моро лозим аст, ки занонро тавассути таҳкими накши онҳо дар идораву ҳифзи захираҳои об ба раванди рушд фаъолона ҷалб намоем.Дирӯз дар чаҳорчӯбаи конфронс Ҳамоиши занон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи об баргузор гардида, барои амалиёти минбаъда тавсияҳои худро таҳияву пешниҳод намуд.

Чаҳорум, нақшаҳо ва иқдомоти мо бояд ба воситаҳои кофии татбиқи онҳо, аз ҷумла ба захираҳои молиявӣ, сармояҳо ва технологияҳо, такя намоянд.Дар ин росто шарикии глобалӣ ба хотири рушд бояд ҳамаҷониба таҳким дода шавад. Возеҳ аст, ки дар шароиту воқеияти нав ба навсозию беҳсозии шарикии глобалӣ ба хотири рушди устувор ниёз пайдо мешавад.Ҳамкорӣ дар бахши таълими фарҳанг ва маданияти истифодаи устувори об метавонад самти муҳими саъю талошҳои муштарак бошад.Дар ин самт шарикии давлативу бахши хусусӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои таъмини обу санитария имкониятҳои нав эҷод хоҳад кард.

Панҷум, унсури фаромарзии ҳамкориҳо дар соҳаи об дар таъмини сулҳу субот ва рушд нақши умда дорад. Имрӯз дар ҷаҳон зиёда аз 276 ҳавзаи дарёҳои байналмилалӣ мавҷуда аст, ки қаламрави 148 кишвар ва 40 фоизи аҳолии Заминро фаро мегиранд.

# Захираҳои оби ширин. Ҷанбаъҳои умумиҷаҳонӣ

Арзёбии захирахои оби умумиҷаҳонӣ, ки ба усулҳои гуногуни таҳқиқот асос меёбанд, зеринро нишон дод:
Захираҳои умумии об дар рӯйи Замин ~1,4 миллиард км кубиро ташкил медиҳанд. Ҳаҷми захираҳои оби тоза ~35 миллион км. кубӣ, ё 2,5% -и ҳамаи захираҳои оби оламро ташкил медиҳад. Аз ин захираҳои умумии оби тоза ~24 миллион км. кубӣ ё 68,9% дар шакли ях ё барфи абадӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ, инчунин Арктика ва Антарктика воқеъ гаштаанд.
Қариб 8 миллион км кубии оби тоза ё 30,8% дар зери замин ҷойгиранд (обҳои зризаминӣ то чуқурии 2000 м, рутубати хок, минтақаҳои ботлоқшуда ва яхбандии абадӣ). Ин категорияи захираҳои оби тоза 97% ҳамаи захирҳои оби тозаро ташкил медиҳад, ки барои истифода ба инсон дастрас шуда метавонанд.
Кӯлҳо ва дарёҳои оби тоза 105 ҳазор км кубӣ ё ~0.3% захираҳои ҷаҳонии обро ташкил медиҳанд.




*Арзёбии захираҳои ҷаҳонии оби тоза ва шӯр*

**Пиряххо ва барфҳои абадӣ кариб** 10% -и сатҳи Заминро рӯпӯш мекунанд. Онҳо асосан дар Гренландия ва Антарктика буда, 68,9% - и захираҳои чаҳонии обро ташкил медиҳанд. Қариб 96% -и захираҳои ҷаҳонии оби тоза дар намуди ях ва барф дар қутбҳои Ҷанубӣ ва Шимолии Замин воқеъ гаштаанд, 4% -и боқимонда бошад, ба 550 000 км кв. пиряхҳо ва барфҳои абадӣ дар кӯҳсор ҷойгир буда, теъдодашон қариб 180 000 км кубӣ мебошад (ЮНЕП, Хадамоти геологии ИМА).

**Обҳои зеризаминӣ** манбаи бойтарин ва нисбатан дастраси оби тоза мебошанд. Қариб 1,5 миллиард одамон ин манбаъҳоро ба сифати оби ошомиданӣ истифода мебаранд. (ЮНЕП, ПРООН, Бонки

Умумиҷаҳонӣ, Институти захираҳои ҷаҳонӣ). Микдори обҳои зеризаминии истифодашаванда ба ~600-700 км кубӣ баробаранд, ки 20% -и истеъмоли обро ташкил медиҳанд. Маълумотҳои саҳеҳ дар бораи миқдори оби аз обҳои зеризаминӣ истифодашаванда дар миқёси ҷаҳон маълум нест.

**Аксар кӯлҳои обашон ширин** дар баландиҳои зиёд воқеъ гаштаанд, қариб 50% -и кӯлҳои ҷаҳон танҳо дар Канада воқеъ гаштаанд. Бисёр кӯлҳо, хусусан онҳое, ки дар минтақаҳои аридӣ воқеъ гаштаанд, дар натиҷаи бухоршавии об шӯр гашта, консентратсияи намакашон зиёд шудааст.

**Обанборҳо** - ин кӯлҳои сунъӣ буда, онҳоро одамон бо мақсади ҷамъ кардан ва истифодаи об бунёд намудаанд.Ҳаҷми оби дар обанборҳои ҷаҳон ҷамъшуда 4 286 км кубиро ташкил медиҳад.

**Минтақаҳои оби ботлокӣ** ботлоқ, толоб, ва дастаҳои селобиро дар бар мегиранд.Майдони умумии минтақаҳои ботлоқӣ дар ҷаҳон ~2 900 000 км кв.-ро ташкил медиҳанд. Умқи қисми зиёди минтақаи обию ботлоқӣ аз 0 то 2 метр аст. Агар умқи миёнаи ботлоқ 1 м қабул карда шавад, ҳаҷми оби ин минтақаҳо аз 2 300 то 2 900 км кубиро ташкил медиҳад.

**Дарёҳо** шабакаи васеи ҳидрологиро ташаккул дода, ба 263 ҳавзаи дарёии байналмилалӣ тақсим мешаванд ва 45.3% (~231 059 898 км кв.) сатҳи Заминро (ба ғайр аз марзи Антарктика) фаро мегиранд (ЮНЕП). Ҳаҷми умумии оби дарёҳои ҷаҳон ба 2 115 км кубӣ баробар аст. Сарфи назар аз он, ки **экосисистемаҳои обҳои ширин,** ба монанди дарё, кӯл ва ботлоқ аз 2% камтари сатҳи Заминро ишғол мекунанд, онҳо мавзеи мавҷудияти қисми зиёди намудҳои ҷаҳонии набототу ҳайвонотро таъмин менамоянд. Ҳарчанд ки бисёрии аз онҳо ҳанӯз омӯхта нашудаанд, гуногунии биологии обҳои ширин аз 9 000 то 25 000 намудро дар бар мегирад. Аммо ин гуногунӣ бинобар афзудани таъсири антропогенӣ зуд коҳиш меёбад. Тағйироти физикӣ, деградатсияи экосистемаҳо, истеъмоли афзоишёбандаи об ва ифлосшавӣ ба таври мустақим ва ғайримустақим ба намудҳои гуногунии биологӣ таъсир мерасонанд. Дигар омилҳое, ки биогуногунии обҳои ширинро кам мекунанд, ин ворид намудани намудҳои бегонаҷинс ва ғайриоқилона истифода бурдани захираи моҳиҳо мебошад. Феълан 20% -и захираҳои ҷаҳонии моҳӣ дар обанборҳои обашон ширин зудосебпазиранд ё ба онҳо маҳвшавӣ (пурра нобудшавӣ) таҳдид

мекунад. Истеъмоли захираҳои оби тоза дар қитъаҳо дар баъзе мавридҳо ба омилҳои иҷтимоию иқтисодии рушд, физиография ва хусусиятҳои иқлимӣ марбут мебошанд.
Ҳар сол истеъмоли ҷаҳонии оби ширин дар давраи солҳои 1995-2000 аз 3 790км кубӣ то 4 430 км кубӣ афзоиш меёфт (дар айни замон ҳамагӣ 2 304 км кубӣ ё 52%-и он истифода мешавад) .
Соли 2000 қариб 57%-и истеъмоли оби ширин ва 70% -и истифодаи об ба мамлакатҳои Осиё рост меомад, ки дар он асосан заминҳои обёришавандаи корами ҷаҳон воқеъ гаштаанд (ЮНЕСКО). Пешбинӣ карда мешавад, ки дар оянда истеъмоли ҳарсолаи об дар ҳар 10 сол 10-12% меафзояд ва соли 2025 ба қимати 5 240 км кубӣ мерасад. Афзоиши интенсивии истеъмоли об, эҳтимол, дар мамлакатҳои Африқо ва Амрикои Ҷанубӣ низ мушоҳида мешавад.




Соҳаи кишоварзӣ дар айни ҳол аз ҳама истеъмолгари бузурги обҳои ширин маҳсуб меёбад, ки ҳиссаи он 70% -и истеъмоли ҷаҳонии об мебошад. Дар мамлакатҳои Африқо ва Осиё 85-90%-и обҳои ширин дар кишоварзӣ бо мақсади обёридиҳӣ истифода мешавад (ЮНЕСКО). Соли 2000 ~15% заминҳои корами ҷаҳонӣ обёрӣ мешуданд ва маҳсулоти дар ин заминҳо рӯёндашуда нисфи ҳосили глобалиро ташкил дод. **Дар соҳаи саноат** ҳиссаи калонтарини оби ширин дар обанборҳо бо мақсади истеҳсоли қувваи барқ ва обёрӣ ҷамъ карда мешавад. Аммо ҳаҷми оби

бухоршаванда аз сатҳи обанбор аз ниёзи саноат ба оби тоза ва соҳаи коммуналӣ дар якҷоягӣ бештар мебошад. Ин ба талафоти об, хусусан дар минтақаҳои гарми тропикӣ таъсири калон мерасонад (ЮНЕСКО). Истифодаи об дар саноат қариб 20% истеъмоли глобалии обро ташкил медиҳад. Аз ин миқдор 57-69% барои итеҳсоли ҳидроэнергия ва энергияи ҳастаӣ, 30-40% барои равандҳои саноатӣ ва то 3% барои истеҳсоли гармӣ сарф карда мешавад.

**Истифодаи об** дар соҳаи коммуналӣ асосан ба аҳолии шаҳрҳо ва ҳудудҳои урбанизатсияшуда марбут аст. Аҳолии мамлакатҳои рушдёфтаи саноатӣ ба ҳисоби миёна ҳар рӯз обро 10 маротиба бештар (500-800 литр дар як рӯз ) назар ба мардуми мамлакатҳои рушдёбанда (60-150 литр дар як рӯз) истифода мебаранд (ЮНЕСКО). Дар шаҳрҳои калоне, ки системаи мутамаркази обёрӣ ва корезӣ доранд, истифодаи об маъмулан 5-10% -и оби гирифташударо барои эҳтиёҷоти коммуналӣ ташкил медиҳад. Дар шаҳрҳои хурд ин нишондиҳанда одатан баландтар аст. Чунин пешбинӣ мешавад, ки то соли 2025 аз ҳар се одам дутоашон дар ноҳияҳое зиндагӣ хоҳанд кард, ки бо об таъмин нестанд. Феълан 450 миллион одамон аз 29 мамлакати ҷаҳон аз нарасидани об мушкилӣ мекашанд. Таъминот бо оби тоза ва санитария дар бисёр мамлакатҳо муаммои асосӣ маҳсуб меёбанд. Бемориҳое, ки дар натиҷаи сифати пасти об дар натиҷаи ифлосшавӣ аз ахлот ба вуҷуд моянд, сабаби асосии гирифторшавии одамон ба касалиҳо дар мамлатҳои рушдкунанда маҳсуб меёбанд. Оби ифлосшуда ба саломатии зиёда аз 1 миллиард одам дар ҷаҳон таъсир мерасонад.

Даҳсолаҳои охир кӯшишҳои ба принсипи истифодаи оби ширини такякунанда, ки дар рӯзномаи СММ барои асри 21, дар Фасли 18 қайд шудаанд ва оид ба ҳифзи сифат ва таъминот бо оби ширин ва истифодаи ҳамгироёнаи муносибат ба рушд, идоракунӣ ва истифодаи оби ширин гуфта шудааст, дар соҳаҳои зерин мутамарказ шудаанд:

Рушди ҳамгироёна (интегратсияшуда) ва идоракунии захираҳои об;

Арзёбии захираҳои об;

Ҳифзи захираҳои об, сифати об ва экосистемаҳои обӣ;

Таъмини оби нӯшокӣ ва санитария;

Об ва рушди устувори шаҳрӣ;

Обе, ки барои истеҳсоли устувори маҳсулоти ғизоӣ ва рушди деҳот (кишоварзӣ) зарур аст;

Таъсири тағйири иқлим ба захираҳои об.

# Ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон

Бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон Ассамблеяи Генералии СММ қарорҳои муҳими зеринро қабул намуд:

- эълон кардани соли 2003 Соли байналмилалии оби тоза (Резолютсияи Ассамблеяи Генералии СММ аз 20 декабри соли 2000, 55/196, сессияи 55-ум);

Моҳи сентябри соли 2000 дар Саммити ҳазорсолаи Созмони Милали Муттаҳид пешвоёни чаҳон ба зиммаи худ ӯҳдадорӣ гирифтанд, ки то соли 2015 ҳиссаи аҳолие, ки ба оби тоза дастрасӣ надоранд (аз ҷумла аз нарасидани маблағ) ду маротиба кам карда шавад. Соли 2002 дар Йоханнесбург дар вохӯрии сарони давлатҳо оид ба Рушди Устувор ҳадафи мувофиқ оид ба ду карат кам кардани ҳиссаи аҳолие, ки ба воситаҳои дахлдори санитария дастрасӣ надоранд, гузошта шуд.

Соли байналмилалии оби тоза бояд ҷаҳонро барои ба даст овардани ин ҳадафҳо тавассути баланд бардоштани сатҳи маълумотнокӣ дар бораи казияи мазкур дар баробари пешниҳод кардани идеяҳои нав ва стратегияи ҳалли он сафарбар мекард. Дар робита ба ин Созмони Милали Муттаҳид як қатор чорабиниҳоро барномасозӣ кард, ки яке аз чорабиниҳои муҳим ин Форуми Байналмилалӣ оид ба оби тоза буд (29 август -1 сентябр 2003, ш.Душанбе). -эълон кардани солҳои 2005-2015 чун Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт!» (Резолютсияи Генералии Ассамблеяи СММ аз 23 декабри соли 2003, 58/217, сессияи 58-ум) буд.

Ҳадафи асосии Даҳсола ин мусоидат кардан ба кӯшишҳо оид ба иҷроиши ӯҳдадориҳое мебошад, ки дар сатҳи байналмилалӣ оид ба масъалаҳои таъминоти об ва вобаста ба об то соли 2015 гирифта шудаанд.

Ин ӯҳдадориҳо инчунин ҳадафҳорох дар соҳаи рушд дар бар мегирифтанд, ки дар Декларатсияи ҳазорсола оварда шудаанд, ин аз ҷумла ду баробар кам кардани миқдори одамоне мебошад, ки ба оби тоза ва санитарияи асосӣ дастрасӣ надоранд. Яке аз ҳадафҳои асосии муҳими Даҳсола то соли 2015 таҳия кардани нақшаҳои

маҷмӯии идоракунии  захираҳои об ва самаранок истифода бурдани истифодаи об дар шароити  расонидани кӯмак ба мамлакатҳои рушдкунанда мебошад.

- Эълон доштани соли  2013 Соли байналмилалии  ҳамкорӣ дар соҳаи об ([Резолютсияи  Ассамблеяи Генералии СММ аз 20 декабри соли  2010, 65/154, сессияи 65-ум]).

Афзоиши муаммоҳои  соҳаи обро  ба назар гирифта, ҳамкориро чун омили асосии ҳалли онҳо қабул намуда, бо ташаббуси Тоҷикистон Ассамблеяи Генералии СММ бо резолютсияи 65/154 20 декабри соли  2010  соли 2013 –ро Соли ҳамкорӣ дар соҳаи об эълон кард.

Ҳамкорӣ дар соҳаи захираҳои об  барои амният, мубориза алайҳи камбизоатӣ, ба даст овардани  адолати иҷтимоӣ  ва баробарии гендерӣ  мақоми муҳим мебозад. Ҳамкорӣ  дар соҳаи захираҳои об аз ҷиҳати иқтисодӣ  фоиданок буда,  барои нигоҳ доштани захираҳои об ва ҳифзи муҳити зист омили асосӣ мебошад.

Тоҷикистон бо ин ташаббусҳо  масъалаҳои обро дар сатҳи  глобалӣ пеш мебарад.

## Шарикии  Миллии Оби  Тоҷикистон



Шарикии Миллии Оби (ШМО)-и Тоҷикистон чун шабакаи расмӣ  аз 16  ташкилотҳои акредидатсияшуда иборат аст, ки мақомоти давлатӣ, сохторҳои илмӣ ва  иттиҳодияҳои ҷамъиятиро дар бар мегирад. Ҳадафи  асосии таъсиси ШМО-и Тоҷикистон  мусоидат кардан ба раванди  ҷорӣ намудани  принсипҳои ИҲЗО  дар Тоҷикистон мебошад.  Фаъолият асосан  ба мусоидат кардан  ба раванди  диалоги  миллӣ ва муқаррар кардани ҳамоҳангсозии  мустаҳкам  ва робитаи байни мақомоти ҳоҷагиҳои об ва соҳаҳои иқтисодиёт, такмили  заминаи қонунгузорӣ ва ҳуқуқии ИҲЗО, баланд бардоштани  огаҳии  аҳли ҷомеа  дар бораи барномасозӣ дар соҳаи хоҷагии об мебошад. ШМО-и Тоҷикистон  бо таблиғот,  таҷаммӯъ ва паҳн кардани донишҳо  барои ҳалли  масъалаҳои рушд, ҷорӣ кардани  механизми минтақавӣ  оид ба истифода кардан «маълумотномаи воситаҳо (афзорҳо)»-и ИҲЗО  дар асоси донишҳои GWP  оид ба идоракунии захираҳои об» машғул  мебошад.

29 феврали соли 2008 таъсис дода шудааст. Аз 1 октябри соли 2013 шабака дар назди Иттиҳодияи Ҷамъиятии «Шарикии оби Тоҷикистон» (ИҶ «ШОТ») амал мекунад.

## Идоракунии ҳамгироёна(интегратсиони)-и захираҳои об чиро ифода мекунад?

Сӣ соли охир бисёр давлатҳо дарк намуданд, ки дере нагузашта ба муаммои нарасидани об ва бадшавии сифати он дучор мешаванд. Таҳлилҳо нишон доданд, ки аксар вақт истифодаи об нодуруст амалӣ мегардад. Таҳлил ва амалия нишон дод, ки муносибати нисбатан самаранок ин дастаҷамъ кардани ҳамаи ин унсурҳои он мебошад, ки дар консепсияи маъмул бо номи **Идоракунии ҳамгироёна (интегратсиони)-и захираҳои об** (ИҲЗО) татбиқ мешавад.

***«ИҲЗО - ин системаи идоракунӣ дар асоси баҳисобгирии тамоми намудҳои захираҳои об (рӯйизаминӣ, зеризаминӣ, обҳои бозгашта) дар ҳудуди сарҳадҳои ҳидрографӣ мебошад, ки манфиатҳои соҳаҳои гуногун ва сатҳҳои иерархияи обистифодабариро ба ҳам мепайвандад, ҳамаи тарафҳои ҳавасмандро барои қабули тасмимҳо (қарорҳо) ҷалб карда, барои самаранок истифода кардани захираҳои об, замин ва дигар захираҳои табиӣ ба хотири таъмини устувори талаботи табиат ва ҷамъият ба об мусоидат мекунад».***

Системаи ИҲЗО ба як қатор принсипҳои асосӣ такя мекунад, ки моҳияти амалии онро муайян месозанд. Дар намуди умумӣ ин принсипҳо зеринро ифода менамоянд:

• идоракунии захираҳои об дар ҳудуди сарҳадҳои ҳидрографӣ мувофиқи морфологияи ҳавзаи мушаххаси дарё амалӣ карда мешавад;

• идоракунӣ баҳисобгирӣ ва истифодаи тамоми намудҳои захираҳои об (рӯйизаминӣ, зеризаминӣ, обҳои баргашта)-ро бо назардошти хусусиятҳои иқлимии минтақаҳо пешбинӣ мекунад;

• ба ҳам зич вобаста кардани тамоми намудҳои обистифодабарӣ ва тамоми ширкаткунандагон дар идоракунии захираҳои оби ташкилотҳо дар самти уфуқии байни соҳаҳо ва ба самти амудӣ байни сатҳҳои иерархияи хоҷагии об (ҳавза, зерҳавза,

шабакаи обёрӣ, ассотсиатсияи обистифодабарандагон –АО, хоҷагӣ –истифодабарандаи ниҳоӣ);

• ширкати ҷамъиятӣ на танҳо дар идоракунӣ, балки дар маблағгузорӣ, дастгирӣ, нақшабандӣ ва рушди инфрасохтори хоҷагии об ;

• афзалияти талаботҳои табиӣ дар фаъолияти хоҷагидории мақомоти хоҷагии об;

• самт гирифтан ба сӯи сарфаи об ва мубориза алайҳи талафоти бемаҳсули об дар ташкилотҳои хоҷагии об ва обистифодабарандагон; идоракунии талабот ба об, ҳамзамон бо идоракунии об;

• таъмини иттилоотӣ, кушодарӯйӣ ва шаффофи системаи идоракунии захираҳои об;

• устувории иқтисодӣ ва молиявии идоракунӣ.

***Идоракунӣ дар ҳудуди сарҳадҳои ҳидрографӣ ё аз рӯйи аломати ҳидрографӣ чиро ифода мекунад ?***

Тамоми сатҳи хушкии Замин, ки дар онҷо обҷорӣ (дарё) ташаккул меёбад, маҷмӯи ҳидрографии об (водосбор) ё ҳавза номида мешавад. Об дар дохили ҳавзаи ҳидрографӣ доимо дар ҳаракат мебошад ва ба таври табиӣ тамоми сарҳадҳои маъмурииии гуногунро, ки инсон аз тасаввуроти геосиёсӣ муқаррар намудааст, убур карда мегузарад. Ҳамин тариқ, мусаллам аст, ки барои идора кардани тамоми омилҳои имконпазире, ки ба сикл (давр)-и ҳидрологӣ таъсир мекунад, зарур аст, ки тамоми ҳавзаи дарёӣ дар мадди назари амалҳои идоракунандаи ташкилоти ягона ё консорсиуми ташкилотҳои зич ҳамкорикунанда қарор дошта бошад.

Аксар мутахассисон бар он ақидаанд, ки берун аз ҳудуди ҳавзаи дарёӣ контурҳои обғундори ҳудудҳоро дар доираи муайянкунии Қоидаҳои Ҳелсинки (моддаи 2, с.1966) ба назар гирифтан лозим аст.

# Манбаъҳои ташаккули захираҳои об ҳангоми ИҲЗО (ИУВР)

Қисми асосии захираҳои оби ба таври табиӣ барқароршаванда дар сатҳи обғундор ташаккул меёбад ва ба шабакаи дарёӣ ҷорӣ мешавад. Баҳисобгирии ташаккул ва тағйирёбии ҷараён аз рӯйи тӯли дарёҳо аз ҷониби хадамоти ҳидрометеорологӣ амалӣ карда мешавад. Тақсимоти оби аз дарё гирифташаванда ва дастрас кардани он ба обистифодабарандагонро ташкилотҳои хоҷагиии об амалӣ мекунанд. Манбаъҳои хурди об дар ихтиёри мақомоти маҳаллии ҳокимият қарор доранд.

Дигар ташкилкунандаи захираҳои оби барқароршаванда– обҳои зеризаминӣ мебошанд, ки аз рӯйи пайдоиши худ ба ду намуд тақсим шуда метавонанд: обҳои зеризаминӣ, ки ба таври табиӣ дар кӯҳҳо ва майдони обғундор ташаккул меёбанд ва обҳои зеризаминӣ, ки таҳти таъсири филтратсия (полоиш) дар заминҳои обёришаванда пайдо мешаванд. Захираҳои обҳои зеризаминӣ дар ҳудуди ҳавза одатан дар асоси иктишофи ҳидрогеологӣ муқаррар карда мешаванд, ки дар натиҷа захираҳои конҳои обҳои зеризаминии барои истифода мувофиқ муайян мегарданд. Арзёбии захираҳои обҳои зеризаминӣ ва истифодаи онҳо аз ҷониби мақомоти геологӣ ба амал оварда шуда, бе ҳамоҳангсозии аниқ бо мақомоти хоҷагии об амалӣ мегардад.

Дар сарҳадҳои ҳавзаи дарёӣ аксар обҳои бозгаштӣ истифода мешаванд, ки баъди истифодаи аввалаи ҷараёни табиӣ ташаккул меёбанд. Онҳо дар натиҷаи партобобҳои рӯизаминӣ, аз обҳои зиёдатии майдонҳои кишт, инчунин аз ҳисоби заҳкашии табиӣ ва сунъӣ ба амал меоянд. Бинобар баланд будани минералнокиашон онҳо манбаи ифлосшавии объектҳои обӣ ва умуман муҳити зист мегарданд.

# Ташкили раванди банақшагирии миллии ИҲЗО

Нақшаи миллии амалисозии ИҲЗО бояд ақаллан унсурҳои асосии зеринро дар бар гиранд:

**а)** таҳлили омилҳои дестабилизатсиякунанда (бесуботкунанда) ва таъсири онҳо ба вазъияти иҷтимоию иқтисодӣ;

**б) муқаррароти умумии** ИҲЗО дар мамлакат ва шартҳои хусусии ИҲЗО дар минтақаҳои алоҳида;

**в)** нақшаҳои ҷорӣ кардани ИҲЗО ҳам дар сатҳи мамлакат ва ҳам дар сатҳи ҳавзаҳо;

**г)** механизи ҷорӣ кардани ИҲЗО.

## Нақшаҳои татбиқи ИҲЗО бояд ба зерин такя намояд:

• таъсиси механизми муайяни ташкилӣ дар сатҳи мамлакатҳо ва ҳавзаҳо ва таҳияю вобаста кардани тамоми системаҳои ташкилотҳое, ки ҳам дар сатҳи уфуқии кооператсияи байнисоҳавӣ ва ҳам дар самти амуди (вертикали)-и зинаҳои сатҳҳои иерарахия ба об муносибат доранд;

• вобаста намудани идоракунии обҳои рӯйизаминӣ, зеризаминӣ ва обҳои бозгашта;

• барои ҳамгиро намудан (интегратсия)-и об ва замин ва системаҳои заҳкашӣ, мувофиқан ҳам ташкилотҳои хоҷагии об ва ҳам мелиоративӣ (беҳдошти замин) ва ину ҳам он бо обистифодабарандагон ва истифодабарандагони замин бояд ҳамкорӣ намоянд;

• баҳисобгирӣ ва бо об қонеъ кардани талаботҳои иҷтимоию иқтисодӣ;

• муайян кардани ҳаҷми аз ҷиҳати экологӣ ҷоизи гирифтани об аз ҳавза;

•вобаста намудани ҳамаи ин бо маҷмӯи чорабиниҳо оид ба сарфанок истифода кардани об;

• ташкили маҳзани шабакаи иттилоотии ҳавзаҳо, ки на танҳо иттилоот дар бораи об, балки дар бораи тамоми омилҳое, ки идоракунии об ва истифодаи он (оқибатҳои иқтисодӣ, ичтимоӣ ва экологӣ барои истифодабарандагони об ва табиат)-ро дар бар мегиранд;

• ба рушди системаи мобилизатсияи обистифодабарандагон ва ташкилотҳои хоҷагии об диққати ҷиддии аввалиндараҷа дода, онҳоро ба идоракунии ИҲЗО ҷалб кардан ва онҳоро ба нерӯи фаъоли ИҲЗО табдил додан лозим аст.

Ғайр аз ин бояд боз се унсури асосии Нақшаи миллии ИҲЗО –ро дар бар гиранд:

- Нақшаи такмили техникии обистифодабарӣ ва идоракунии талабот ба об;
- Нақша ва асоси ташкилии рушди омӯзиши намояндагони тамоми аудиенсияҳо, ки барои рушди истифодаи об ҳавасманд мебошанд;
- Нақшаи ташкили объектҳои пилотӣ дар сатҳи минтақавӣ бо назардошти хусусиятҳо.




## Захираҳои оби Тоҷикистон

**Тоҷикистон аз захираҳои об бой аст**.Қайд бояд кард, ки қисми аз 20% зиёди масоҳати ҳавзаи баҳри Аралро (350 ҳаз. км кв) ишғол карда, минтақаи кӯҳӣ 90% ҷараёни обҳои рӯизаминиро ҳосил мекунад. Дар солҳои обнокиашон миёна дар ин ҷо 115 млрд. м куб. об асосан дар ҳудуди системаҳои Амударё ва Сирдарё ба вуҷуд моянд. Аз ин ҳаҷм дар ҳудуди ҷумҳурӣ 51,2 км кубӣ об ё 44% -и ҷараёни солонаи оби баҳри Арал (аз ин ҳисоб дар ҳавзаи Амударё 50,5 км кубӣ, дар ҳавзаи Сирдарё 0,7 км кубӣ) пайдо мешавад. Дар айни замон дар ҳавзаи Амударё –Сирдарё ҷараёни асосиро дарёҳои Панҷ, Вахш, Кофарниҳон ва Зарафшон медиҳанд.

Захираҳои оби Тоҷикистон асосан аз ҳисоби обшавии захираҳои барфу ях ва боришот ташаккул меёбад. Ҳамагӣ дар пиряхҳо ва барфпораҳои Тоҷикистон қариб 550 км кубӣ об мавҷуд аст. Қисми асосии онҳо дар ҳавзаи дарёҳои Зарафшон, Обихингоу, Гунт, Муксу, дар қисмҳои баландкӯҳ ҷойгир мебошанд. Пиряхҳо ва майдонҳои фирнӣ (барфҳои кӯҳна) қариб 6%-и майдони мамлакатро ишғол мекунанд. Зиёда аз 1300 кӯл зиёда аз 44 км кубӣ обро нигоҳ медоранд, аз ҷумла зиёда аз 20 км кубӣ оби тоза ва 24 км кубӣ оби шӯр мавҷуд аст. Майдони умумии онҳо ба 705 км кв баробар аст.

Хусусиятҳои марзҳои кӯҳӣ ва зиёд будани манбаъҳои пайдоиш дар Тоҷикистон боиси афзоиши шабакаҳои зичи кӯҳии саробашон пиряхию барфӣ ва боронӣ 947 дарёҳои дарозиашон аз 10 км бештар ва дарозии умумиашон 28500 км -ро ташкил медиҳад. Ҷараёни рӯйизаминӣ дар баъзе ҷойҳо аз 45 л/сон зиёд аст. Масрафи калонтарини об дар дарёҳо моҳҳои июн –август, дар давраи аз ҳама бештар об шудани пиряху барфҳо мушоҳида мешавад.



Дар ҷумҳурӣ 9 обанбор истифода мегардад, ки ҳаҷми умумии онҳо аз 0,028 то 10,5 км. кубӣ аст. Калонтарини онҳо обанбори Қайроққум дар Шимоли Тоҷикистон ва Норак дар қисми маркакзии ҷумҳурӣ ҷойгир мебошанд. Ин обанборҳо барои истеҳсоли энергияи барқи обӣ, ирригатсия, моҳидорӣ ва муҳофизат аз сел истифода мешаванд. Зиёда аз 95%-и электроэнергия дар Тоҷикистон дар нерӯгоҳҳои барқи обӣ истеҳсол карда мешаванд. Аммо сатҳи азхудкунии имкониятҳои ҳидрологии ҷумҳурӣ ҳамагӣ 5-10%-ро ташкил медиҳад. Каскади асосии обанборҳо ва нерӯгоҳҳои барқи обӣ дар дарёи Вахш ҷойгир мебошад. Сохтмони обанборҳои қимати энергетикӣ дошта Роғун ва Сангтӯда дар назар аст. Обанборҳо ҷараёни табиии дарёҳоро танзим мекунанд. Масалан, дар шароити ибтидоӣ (то соли 1965) масрафи об дар дарёи Вахш поёнтар аз сарбанди Норак аз 100 то 5000 м. куби/сон-ро ташкил медод, ҳоло бошад, он дар ҳудуди аз 300 то 2000 м. кубӣ /сон ташкил медиҳад.

Аксар вақт дарёҳои оби Тоҷикистон маводҳои сахт доранд, ки дар натича зери обанборҳо бо лой пур шуда, ҳаҷми оби дар онҳо ҷойгирифта кам мешавад ва онҳо вазифаи худ –танзимгари мавсимӣ, солона ва бисёрсолаи ҷараёни обро иҷро карда наметавонанд.

Гирифтани об барои обёрӣ реҷаи ҳидрологии даҳҳо дарёҳои хурдро тағйир додааст. Масалан, дар давраи азхудкунӣ ҷараёни калонтарини дарёи Ёвонсу (Тоҷикистони Ҷанубӣ) дар моҳи апрел мушоҳида мегардид ва аз 2-3 м. куб/сония зиёд набуд, ҳол он ки

солҳои охир ҷараёни калонтарин моҳи август дар давраи оберии пахта мушоҳида шуда, аз 20 м. куб/сон зиёд мебошад. Ин ҳолат инчунин ба эрозияи сахти соҳил ва эрозияи ҷаригӣ боис мешавад.

Обҳои зеризамине, ки дар ҳоҷагии халқ истифода мешаванд, умуман дар водиҳои (қарибии) дарёҳои Сирдарё, Кофарниҳон, Вахш, Кизилсу, Яхсу ва пастхамиҳои байникӯҳҳо ҷойгир мебошанд. Тибқи арзёбиҳои муҳим, заҳираҳои обҳои зеризаминии минералнокиашон камтар аз 1 г/л зиёда аз 17 км. кубӣ/сол буда, дар айни замон захираҳои истифодапазир қариб 2-3 км. кубӣ/солро ташкил медиҳад. Обҳои зеризаминӣ барои эҳтиёҷоти таъминоти оби барои ҳоҷагидорӣ ва нӯшокӣ, истеҳсоли техникӣ ва оберии замин то 6500 ҳаз. м.кубӣ/шабонарӯз масраф мегардад. Обҳои тозаи зеризаминӣ нобаробар дар ҳудуди умқи аз 1 то 100 метр ҷойгир мебошанд



Дар Тоҷикистон чашмаҳои обҳои табобатӣ, термалӣ ва маъданӣ хеле маъмуланд, ки миқдорашон аз 200 зиёд буда, обашон сулфидӣ, оҳандор, йодӣ, бромӣ, радонӣ, кремнийдор ва ғ. мебошанд. Чунин чашмаҳо дар шаҳру шаҳракҳо ва ноҳияҳои Истиқлол, Адрасмон, Явроз, Анзоб, Обигарм, Хоҷа-Обигарм, Қаротоғ, Шоҳамбарӣ, Боботоғ ҷойгиранд. Дар Помир чашмаҳои гуногун зиёданд, ки маъмултаринашон Гарм-Чашма, Бахмир, Элис ва ғ. мебошанд. Дар ҷануби ҷумҳурӣ чашмаҳое, вомехӯранд, ки обашон то 400г/л намак дорад.

## Сифати обҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминии Тоҷикистон

Сифати обҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминии Тоҷикистон хеле баланд буда, фақат дар баъзе ҷойҳо ҳолати техникии онҳо бад шуда истодааст. Хусусан оби минтақаҳои кӯҳӣ сифати хеле баланд дорад.

Дарёи Варзоб яке аз асоситарин манбаи таъминоти оби ш.Душанбе мебошад. Дар бисёр ҷойҳо иншоотҳои обсофкунӣ мавҷуд нестанд, бинобар он аз оби деҳаҳо ва фароғатгоҳҳо ифлос мешавад.

Дарёи Кофарниҳон низ манбаи оби нӯшокӣ буда, бо партобҳо ифлос мешавад.




Дарёи Вахш як қадар бо оби заводи нирогенбарории Вахш, комбинати электрокимиёии Ёвон, иншоотҳои обтозакунии нуқтаҳои аҳолинишини ҷануби ҷумҳурӣ, партобобҳои ноҳияҳои пахтакор ифлос шуда буданд. Ҳолати ҳидробионтҳои поении дарёи Вахш дар бораи сифати баланди обҳо шаҳодат медиҳанд. Консентратсияи калонтарини маводҳои ифлоскунанда дар ин ҷо мавсими баҳору тобистон дар давраи оберии масолеҳи кишоварзӣ дар натиҷаи шусташаваии боқимондаҳои нуриҳо ва пестисидҳо мушоҳида мегардад.

Дарёҳои Қизилсу ва Тоҳирсу асосан бо маводҳои муаллақ ифлос шуда, обашон тира мебошанд ва барои нӯшидан номуносиб маҳсуб меёбанд. Инчунин дар ин ҷо дараҷаи минералнокии табиии обҳо баланд: аз 200 то 1500 мг/л мебошад.

Сирдарё бо партобобҳои обёрӣ чунон ифлос шудааст, ки барои нӯшидан муносиб нест.Сӣ соли охир минералнокии об дар ин ҷо 2-3 маротиба зиёд шудааст (соли 1970 0,6-0,8 г/л буд, соли 2000 – ум бошад, то 1,4-1,6 г/л расидааст). Маводҳои ифлоскунанда асосан дар ин ҷо сулфатҳо, нитроген, маводҳои фосфордор, мебошад, ки консентратсияи онҳо аз меъёри ҳадди ақал 2-7 маротиба зиёд аст.

Дар дарёи Зарафшон баъзан вақт баландшавии консентратсияи аз рӯйи Истеъмоли Биологии Оксиген (ИБО), оҳан, сурма, симоб мушоҳида мешавад, ки ин дар натиҷаи ифлосшавии об бо партобобҳо ва таъсири корхонаҳои саноатӣ ба амал меояд.

Дарёи Панҷ  қисман  асосан бо нитратҳо ва сулфатҳо, боқимондаҳои пестисидҳо  ифлос шудааст,  ҳамаи ин натиҷаи партобобҳои  майдони киштузор  дар Ҷануби Тоҷикистон мебошад.

Обҳои зеризаминии Тоҷикистони Шимолӣ хеле  дурушт ва намакҳои маъданиашон хеле зиёд мебошад (ҳаҷми нитратҳо 12-90 мг/л). Обҳои ноҳияҳои Шаҳристон,  Файзобод, Хоҷамастон, Муъминобод ва дигар ноҳияҳо сифати хеде баланд доранд.

**Такрибан зиёда аз** 25-30% оби нушокӣ сифати аз ҷиҳати эпидемиологӣ носоз дорад. Чунин ҳолат солҳои 1997-1998 боиси бемории домана гашт, ки 500 нафар ба 100 ҳаз. нафар рост меомад.




Дар бисёр нуқтаҳои аҳолинишини деҳот шабакаҳои канализатсионӣ ва иншоотҳои обтозакунӣ мавҷуд нестанд ва гандаобҳо бевосита ба обанборҳо ҷорӣ мешаванд. Дар натиҷа бемориҳои дарунравӣ ва дарди шикам вомехӯранд.

Партобҳои ташноб ба иншоотҳои обтозакунии тозакуниашон биологӣ ворид мешаванд. Партобобҳои ташноб (канализатсионӣ) ба иншоотҳои обтозакунӣ ворид шуда, аз тозакунии биологӣ мегузаранд, вале бисёрии иншоотҳои обтозакунӣ самаранок кор намекунанд ва тозакунӣ ба таври кофӣ нест. Муаммоҳои тозакунии об ва партобобҳои хоҷагидорию маишӣ солҳои охир хеле муҳим гардидааст, ба хусус барои он ки як қатор эпидемияҳои бемории шикам аз оби ифлос ба вуҷуд меояд.

Давра ба давра дар солҳои хушксолӣ дар ҳолати хеле баланд гаштани ҳарорати ҳаво дар тобистон барфҳои кӯҳистон зуд об шуда, масрафи об меафзояд. Дар натиҷа ҳодисаҳои обхезӣ ба хусус дар дарёи Панҷ зиёд ва об бо моводҳои муаллақ ифлос мешаванд. Хушксолӣ боиси камшавии ҷараён ва пастшавии сатҳи оби обанборҳо мегардад. Боришоти сахт бошад, аксар сабаби ба вуҷуд омадани сел ва обхезиҳои сахт мегарданд, ки қад-қади маҷрои

дарёҳо ба вуҷуд омада, ба кишоварзӣ, хонаҳои истиқоматӣ ва коммуникатсияҳо зарари калон мерасонанд (масалан, солҳои 1992-1994, 1998). Дарёҳои Тоҷикистон саргаҳи ҷараёни ҳавзаи баҳри Аралро ташкил дода, бевосита ба ҳолат ва сатҳи оби он таъсир мерасонанд.

## Тавсифоти захираҳои об

Пиряххо оғози қариб ҳамаи дарёҳои бузурги ҷумҳурӣ мебошанд, ки обҳои онҳо дар хоҷагии ҳалқ истифода мешаванд. Хеле зиёд будани манбаъҳои ғизогирӣ, баландиҳои зиёд ва релйефи кӯҳӣ рушди шабакаи васею зичи дарёчаҳоро ба вуҷуд овардаанд. Миқдори умумии дарёҳо, дарёчаҳо ва обҷориҳои муваққатӣ дар ҷумҳурӣ зиёда аз 25000 буда, дарозии умумиашон қариб 90.000 км мебошад. Дарозии дарёҳои дарозиашон аз 10 км зиёд – 947, дарозии умумиашон зиёда аз 28.500 км аст. Зичии шабакаи дарёҳо дар ҳудудҳои калон: аз нол дар резишгоҳи дарёҳо то 2 км/км$^2$ дар саргаҳи дарё тағйир меёбад. Ба ҳисоби миёна дар тамоми марзи Тоҷикистон зичии шабакаи дарёҳо қариб 0,6 км/км$^2$-ро ташкил медиҳад. Шабакаи ҳидрографии ҷумҳурӣ ба ҳавзаи ду дарё– Амударё ва Сирдарё мансуб аст: аз ҷумла бештари дарёҳо ба ҳавзаи Амударё мансубанд, ки дар ҷумҳурӣ ноҳияҳои бисёрро фаро гирифта, дар он ҷо ҳиссаи асосии ҷараёни ин дарё ташаккул меёбад. Ҳавзаи Амударё дар ҳудуди Тоҷикистон аз якчанд қисмҳои махсус иборат мебошад.




Дарёи Панҷ дарёи асосиест, ки Амударёро ташкил медиҳад, он ба ду соҳаҳои аз ҷиҳати ҳидрологӣ гуногун тақсим мешавад: Помири Тоҷикистонии нисбатан сероб ва қисми камоби афғонистонии ҳавза. Шохобҳои нисбатан бузурги Панҷ Қизилсу, Вахш ва Кофарниҳон мебошад.



*Дарёи Панҷ, ки Тоҷикистон ва Афғонистонро ҷудо мекунад.*

Дарёи Зарафшон, ки аз рӯйи аломатҳои ороҳидрографӣ ва ҳидрологӣ ба ҳавзаи Амударё мансуб аст, кайҳост ки то он намерасад, яъне пурра барои обёрӣ масраф мешавад, бинобар он вай чун объекти алоҳида баррасӣ шуда метавонад. Вай дар ҳудуди Тоҷикистон дар масофаи 300 км, сипас дар Узбекистон ҷорӣ мешавад.

Дар Тоҷикистони Шимолӣ Сирдарё ҷорӣ мешавад. Феълан ин роҳи транзитии дарё мебошад, ки шохобҳои он дар ҳудуди водии Фарғона, аксар барои обёрӣ сарф шуда, то Сирдарё намерасад.
Омили асосие, ки тағйирёбии ҷараёни солонаи дарёҳои Тоҷикистонро муайян мекунад, захираҳои об дар пӯшиши барфӣ дар аввали обшавии барф мебошад, ки сол аз сол тағйир меёбад. Тағйирпазирии обнокии пӯшиши барфӣ баробари баландшавии маҳал кам мешавад. Дар минтақаҳои пасти кӯҳӣ баробари мусбат шудани ҳарорат ва баробари бориши борон барфи мавсимӣ об мешавад. Ҳаҷми асосии ҷараёни солона ба мавсими баҳор рост меояд ва масрафи калони он моҳҳои март-апрел ба амал меояд. Тағйирпазирии ҷараёни солонаи ин ноҳия бо коэффитсиенти пастубаландшави (вариатсия)-и аз 0,25 баланд тавсиф дода мешавад. Дарёҳое, ки аз пиряху барфҳо ғизо мегиранд, ҷараёни нисбатан устувори солона доранд ва коэффитсиенти вариатсияи онҳо дар ҳудуди 0,1-0,15 ҷойгир мешавад. Муддати серобии ин дарёҳо нисбатан тӯлонӣ буда, асосан моҳҳои тобистон мушоҳида мешавад. Тирагии оби дарёҳо баъзан зиёда аз 5000 г/м$^3$ мешавад. Дар давраи серобӣ дар бисёрии дарёҳо 70-90% ҷараён ҷорӣ мешавад. Давра ба давра дар дарёҳо обхезиҳои калон ва ё сатҳашон хеле баланд ба вуҷуд меоянд.
Амплитудаи тағйирёбии сатҳи оби дарёҳо калон нест ва дар ҳудуди 60-200см тағйир меёбад. Амплитудаи калонтарин дар дарёи Вахш то 7,5 м ва дар дарёҳои Панҷ ва Обихингоу то 7 м аст. Баъзан дар тӯли як шабонарӯз сатҳи об то 6-7м баланд шуда, боиси вайроншавии кӯпрукҳо, сарбандҳо, обхезиҳо ва шусташавии заминҳои кишоварзӣ мешавад.

Қисми зиёди захираҳои чараёни дарёҳои ҷумҳурӣ дар ҳавзаи дарёи Панҷ (32,2 куб.км) ва Вахш (17,7куб.км) ташаккул меёбад. Захираҳои оби ҳавзаи дарёҳои Кофарниҳон ва Зарафшон мувофиқан ба 5.1 ва 4.8 км кубӣ баробар мебошад. Қариб 50% -и ҷараёни солона дар ҳудуди ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ташаккул меёбад, дар ин ҷо таъминот бо ҷараёни маҳаллии об низ аз ҳама баланд аст: — 861 ҳаз.м.куб.ба 1 км кв. Таъминоти аз ҳама паст бо ҷараёни маҳаллӣ ба воҳиди масоҳат дар вилояти Хатлон мушоҳида мешавад (117ҳаз.м кубӣ). Вале дар ин ҷо ҷоришави (воридшавӣ)-и об аз дигар ноҳияҳои ҳамсоя зиёд буда, аз ин сабаб таъминоти умумӣ бо об ба 1 км кВ. аз ҳама калонтарин аст. Таъминоти калонтарини хос бо захираҳои умумии ҷараёни дарё ба як нафар сокин дар Вилояти Кӯҳистон Бадахшони Кӯҳӣ 109 ҳаз. м кубӣ дар як сол буда, хурдтарин 14.5ҳаз. км куб дар як сол дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мебошад.

Қариб ними ин обҳо баъд дар шакли гандаобҳо ва обҳои коллекторию дренажӣ ба объектҳои обӣ бармегарданд. Қисми ночизашон аз сатҳи об бухор мешавад, Қисми асосии захираҳои оби Тоҷикистон онро убур карда ба мамлакатҳои ҳамсоя ҷорӣ мешаванд.

## Кӯлҳои Тоҷикистон

Масоҳате, ки кӯлҳо ишғол мекунанд, он қадар калон нест - 0,5 %-и масоҳати ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Дар ҳудуди Тоҷикистон қариб 2000 кӯл бо масоҳати умумии 705 $км^2$ мавҷуд аст.

Дар кӯлҳои Тоҷикистон 46,3 км кубӣ об мавҷуд аст. Захираҳои оби тоза тақрибан 19,3 км кубиро ташкил медихад, қисми бештари оби тоза дар кӯли Сарез мавҷуд аст (17,3 км.кубӣ). Аз ҳаҷми умумии обҳои шӯри кӯлҳо 90% ин оби кӯли калонтарини баландкӯҳии Қарокӯл мебошад. Миқдори асосии кӯлҳо дар минтақаҳои кӯҳии Помиру Олой дар фосилаи баландиҳои 3500-5000м воқеъ гаштаанд. Дар минтақаҳои пасткӯҳҳо ва наздикӯҳӣ кӯлҳо хеле кам буда, қариб 100 кӯл бо масоҳати умумии 17 км кв. мавҷуд аст. Миқдори зиёди кӯлҳо (қариб 80%) дар ҳавзаҳои дарёҳои Панҷ ва Вахш ҷойгир буда, масоҳати умумии онҳо 40% -ро ташкил медиҳад. Обанборҳои нисбатан калон дар Помири шарқӣ ҷойгиранд, масоҳати умумии онҳо 407 км кв. (58%) мебошад.

## Қарокӯл



Дар Мурғоб, назди шаҳраки Қарокӯл (аз туркӣ қаро – сиёҳ ва кӯл), дар баландии 3 900 м аз сатҳи баҳр ҷойгир аст. Ин кӯл 100 м аз кӯли баландкӯҳу машҳури Титикак дар Анд баландтар аст. Оби талху шӯри Қарокӯл тамоми сол хеле сард аст. Дар ҳавои ором оби кӯл мутлақ шаффоф аст, вале шамоли сахт мавҷҳоро меангезад ва ранги об сиёҳтоб мегардад (номи кӯл аз ин ҷо пайдо шудааст). Соҳилҳои кӯлро кӯҳҳои баланд аз се тараф иҳота кардаанд ва танҳо аз тарафи шарқ он ба водии хурди дилангез мебарояд.

## Кӯли Сарез



Ин кӯл соли 1911 дар натиҷаи ҳодисаи шадиди геологӣ ба вуҷуд омадааст: баъди зилзилаи сахт дарёи Мурғоб бо маводҳои сангини ҳаҷмаш се км кубӣ, вазни шаш млрд тонн баста шуд, яъне сарбанд ба вуҷуд омад. Дар даҳ соли минбаъда сатҳи об устувор гаштааст. Дарозии кӯл 70 км, умқаш аз 500 м зиёд мебошад. Оби кабуди осмонӣ, ки бо ҳалқаи кӯҳҳо ва теппаҳои назди соҳилӣ иҳота шудааст, табиати зебои бикр-ҳамаи ин саёҳатро ба ин минтақа хотирмон мекунад.

## Искандаркӯл



Ин кӯл калонтарин кӯли Помиру Олой ва зеботарин кӯли Тоҷикистон мебошад. Сокинони ин маҳал онро «нигини-зумурради ангуштарини қуллаҳои сафед» ном гузоштаанд. Искандаркӯл дар гаҳвораи кӯҳҳои Фон ҷойгир аст. Дар бораи кӯл асотиру ривоятҳои зебое ҳикоя мекунанд. Аз кӯл Искандардарёи пуртуғён ҷорӣ шуда, шар-шараи аҷаб зебо ва нотакрорро ба вуҷуд меорад,

ки онро «Ниагараи Фон» меноманду он аз баландии 38 метр поён ҷорӣ мешавад.



### Кӯли Марғузор

Дар тарафи ғарбии кӯҳҳои Фон дар дараи дарёи Шинг ҳафт кӯл чойгиранд, ки шаштои онҳо ғайр аз кӯли Ҳазорчашма дар натиҷаи афтиши хоку санг ба вуҷуд омадаанд. Кӯлҳоро кӯлҳои Марғузор меноманд, вале ҳар яке аз ин кӯлҳо номи худро дорад: Нежигон (дар баъзе адабиёт Мижгон), Соя, Гушор, Нофин, Хурдак, Марғузор, Ҳазорчашма. Аксар вақт онҳоро аз рӯйи рақам ном мегиранд: аз поён саркарда: кӯли якум - Нежигон, дуюм - Соя, сеюм Гушор ва ғ. Фарки байни сатҳхои кӯли болоӣ ва поёнӣ- 692 метр мебошад.

## Обанборҳои сунъӣ

Ба ғайр аз обектҳои обии табиӣ дар ҳудуди Тоҷикистон дар давоми якчанд даҳсолаҳои охир дар раванди сохтмони объектҳои обӣ объектҳои сунъии обӣ сохта шуданд. Пеш аз ҳама ин обанборҳо мебошанд, ки барои самаранок истифода кардани захираҳои об имкон медиҳанд. Обанборҳои калонтарин дар дарёҳои Вахш ва Сирдарё бунёд гардидаанд. Ба ғайр аз обанборҳои калон боз бисёр обанборҳои хурд сохта шудаанд, ки онҳо ба ҳисоб гирифта нашудаанд. Дар айни ҳол 6 обанбор истифода мешаванд, ки ҳаҷмашон аз 0,02 то 10,5 км кубӣ мебошад. Ҳаҷми умумии оби онҳо қариб 15 км кубӣ аст. Обанборҳои бузург (Норак, Қайроққум, Фарҳод) таъйиноти умуми (маҷмӯӣ) доранд, яъне эҳтиёҷоти якчанд соҳаи хоҷагии халқро таъмин мекунанд (энергетика, обёрӣ, таъмини об, моҳидорӣ). Обанборҳои хурд танҳо барои обёрӣ истифода мешаванд.



### Обанбори Қайроққум

Ин гавҳари сунъии Тоҷикистон дар натиҷаи сохтмони нерӯгоҳи барқи обӣ дар Сирдарё ба амал омадааст. Дарозии кӯл ба 75 км баробар аст. Масоҳаташ – зиёда аз 4 млн. метри кв. Ҷойи обанбор

- дар шимоли Ҷумҳурии Тоҷикистон, наздикии шаҳри Хуҷанд, соҳили шаҳри Қайроққум воқеъ аст. Гирди обанборро табиати рангоранги кӯҳӣ иҳота кардааст. Дар обанбори Қайроққум даҳҳо намуди моҳиҳо мавҷуданд. Ба ин ҷо моҳигирон аз тамоми гӯшаҳои Тоҷикистон барои моҳигирӣ меоянд.



**Обанбори Норак**

Обанбори Норак: дарозиаш зиёда аз 70 км, масоҳаташ 98 км$^2$.

**Обҳои зеризаминӣ**

Обҳои зеризаминӣ қариб дар ҳама ҷо паҳн шудаанд. Дар шимол, дар пастхамиҳои байникӯҳӣ обҳои ширин дар чуқурии аз 3 то 60-80м воқеъ гаштаанд. Дар водии Сирдарё бештар обҳои ширини ҳидрокарбонатӣ рушд ёфтаанд, ки дар байни онҳо қитъаҳои начандон калон бо обҳои сулфатии минералнокиашон то 5 г/л вомехӯранд, ки дар умқи 1-10 м. ҷойгиранд.
Дар водии Ҳисор инчунин обҳои ширини ҳидрокарбонатию калсийдор бо минералнокии то 1г/л бештаранд. Обҳои зеризаминӣ дар чуқурии 5-40 м ҷойгир шудаанд. Дар қисми ҷануби водӣ, ки сатҳи обҳои зеризаминӣ ба сатҳи замин наздиқ аст, чун тасмаи борик обҳои андаке шӯри сулфатӣ бо минералнокии 1-5 г/л. вомехӯранд. Дар қисми ғарбии водӣ обҳои зеризаминӣ хусусияти фишордиҳанда доранд. Дар қисми шимолии водии Вахш инчунин обҳои ширини сифаташон хуб зиёданд. Ба тарафи ҷанубтар обҳои ширинро обҳои андаке шӯр ва шӯри таркибашон сулфатӣ ва хлоридӣ бо минералнокии то 5-50 г/ л. иваз мекунанд. Сатҳи воқеъгардии обҳои зеризаминӣ гуногун аст: аз ҳиссаи метр то даҳҳо метр. Дар болооби дарёҳои Яхсу ва Қизилсу бештар обҳои фишории (тазйиқии) ширини ҳидрокарбонатӣ ташаккул меёбанд. Дар қисми миёнаи водӣ минералнокии обҳои зеризаминӣ то 2-3 г/ л меафзояд.

Дар ҳудуди Тоҷикистони Ҷанубию Ғарбӣ дар пастиҳои байникӯҳӣ, дар чуқурии 10-100 м бештар обҳои андаке шӯр ва шӯри таркибашон сулфатӣ ва хлоридӣ мавҷуданд, ки минералнокиашон 3-40 г/л мебошад, ки дар хоҷагӣ истифодаашон номумкин аст.

Захираҳои оби ширини сифаташон хуб маҳдуданд. Дар ҳудуди ВМКБ обҳои зеризаминӣ асосан назди соҳилҳои дарёҳо, канал ва кӯлҳо ҷойгир мебошанд. Захираҳои онҳо зиёд нестанд. Обҳои зеризаминӣ қариб дар ҳама ҷо пахн шудаанд. Умуман дар Тоҷикистон захираҳои табиии обҳои зеризаминӣ 16,2 км$^3$ арзёбӣ шудаанд. Микдори асосии обҳои зеризаминӣ захираҳои табиии ноҳияҳои кӯҳии Тоҷикистони Шимолӣ ва Марказӣ ва инчунин Помир ба 8,86 км$^3$ баробар мебошанд.

## Пиряххои Тоҷикистон

Аз рӯйи маълумотҳои мавҷуда дар айни ҳол дар Тоҷикистон қариб 8500 пирях мавҷуд аст, ки 6%-и тамоми марзи мамлакатро ташкил медиҳанд. Масоҳати умумии яхбандӣ 8,5ҳаз км. кв.-ро ташкил медиҳад. Ҳиссаи асосии яхбандӣ дар минтақаҳои ба қуллаҳои Помиру Олой наздики қуллаҳои Исмоили Сомонӣ ва Ленин




ҷойгир мебошанд. Дар ҳавзаи дарёҳои Ванҷ, Муксу, Обихингоу, Вахш, Язғулом зиёда за 5 км ҳаз.кв. масоҳати яхбандӣ мавҷуд аст. Ноҳияҳои гирду атроф, ки аз марказ дар тарафи ғарбу шарқ ҷойгиранд, яхбандии начандон калон доранд. Ҳаҷми ях дар

тамоми пиряххо 457 км кубӣ буда, захираҳои оби тоза бошад, дар онҳо қариб 400 км кубиро ташкил медиҳад, ин қариб 8 маротиба аз ҷараёни солонаи тамоми дарёҳои Тоҷикистон зиёд аст. Пиряххо 1\3 ҳиссаи ҷараёни солона ва нимаи ҷараёни тобистонаи дарёҳоро медиҳанд. Дар даҳсолаҳои охир тағйирёбии пиряххо ба тарафи тавозуни манфии массаи онҳо ба мушоҳида мерасад. Дар шароити кунунии тағйирёбии иқлим майдони пиряххҳои Помиру Олой ҳар сол 1.2 км квадратӣ кам мешавад.

**Ҳидроэнергетика**

Захираҳои ҳидроэнергетикии Тоҷикистон нотакроранд. Аз рӯи ҳаҷми захираҳо Тоҷикистон дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои аввалинро ишғол мекунад, вале имрӯзҳо танҳо 5%-и он мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар айни замон захираҳои ҳидроэнергетикӣ амалан дар тамоми марзи ҷумҳурӣ мунтазам ҷойгир шудаанд.

Аз рӯйи захираҳои ҳидроэнергетикӣ ба як сари аҳолӣ (87,8 ҳаз.кВт.соат дар як сол /одам) Тоҷикистон ҷойи дуюм, аз рӯйи имкониятҳои захираҳои ҳидроэнергия ба як километри квадратии мамлакат (3682,7 хаз .кВт.соат сол /км$^2$), дар ҷаҳон ҷойи аввалро мегирад ва дар ин боб аз дигар давлатҳо дар сафи пеш аст. Захираҳои имконпазири солонаи ҳидроэнергия дар ҷумҳурӣ то 527 млрд. кВт.соатро ташкил медиҳад.

Энергетикаи Тоҷикистон, ки асоси он (95 % ва зиёда аз он)-ро ҳидроэнергетика ташкил медиҳад, бо фоиданокии хеле баланд фарқ мекунад. Арзиши аслии электроэнергия дар ҷумҳурӣ бо назардошти тамоми даври истеҳсолот, нақл кардан (интиқол додан) ва тақсимот аз 0,8 сент/кВт.соат зиёд нест. Бинобар он ҳидроэнергияи Тоҷикистон дар бозори умумӣ хеле рақобатпазир буда, ба бозор баровардани он барои ҷумҳурӣ яке аз масъалаҳои муҳим маҳсуб меёбад.

Яке аз масъалаҳои хусусияти муҳим дошта дар Осиёи Марказӣ ин масъалаҳои истифодаи маҷмӯии захираҳои ҳидроэнергетикӣ мебошад.

Таъйиноти асосии тамоми ҳидроузелҳои бузург, аз ҷумла Норак ва Қайроққум дар Тоҷикистон ҳам энергетика ва ҳам обёрӣ буд. Ин вазъият имрӯз тағйир наёфтааст. Тоҷикистон дар ин боб мақоми хоса дорад - дар ҳудуди он 64% -и тамоми захираҳои оби ҷумҳурӣ

ташаккул меёбанд, захираҳои мавҷудаи оби ҷумҳурӣ бошанд, 73%-и захираҳои умумии оби минтақаро ташкил медиҳанд. Тоҷикистон дар асоси қонунӣ метавонад, бо имкониятҳои худ дар соҳаи ҳидроэнергетика ва захираҳои об ифтихор намояд.

Дар айни замон корҳои лоиҳакашию таҳқиқотӣ бо мақсади азхудкунии захираҳои ҳидроэнергетикии дарёи Зарафшон анҷом дода мешаванд.

Масрафи миёнаи бисёрсолаи оби дарёи Зарафшон дар қитъаи асосӣ тартиби 140-150 $м^3/с$, имконпазири ҳидроэнергетикӣ - 11,8 млрд.кВт.соат мебошад. Аз дарозии умумии он (303 км) қисми зиёдаш аз марзи Тоҷикистон мегузарад, ки дар он ҷараёни асосӣ ва имкониятҳои энергетикӣ ташаккул меёбанд.

Тарҳи азхудкунии хоҷагидории дарёи Зарафшон, аз ҷумла қисми кӯҳии он кайҳост, ки мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ҳудуди Тоҷикистон дарёи Зарафшон қариб, ки истифода намегардад. Дар вақтҳои охир дар он бо шохобҳояш 26 НБО –и хурд бо иқтидори умумии 3,369 мВт сохта шудааст. Амалан онҳо имрӯзҳо аз кор бозмондаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди энергетикаи хурд умедҳои калонро вобаста медонад. Имкониятҳои назариявии дарёҳои хурд ва миёнаи ҷумҳурӣ ҳангоми сохтани Нерӯгоҳҳои барқи обии хурд зиёда аз 30 млн. кВт- бо истеҳсоли энергияи барқии тартиби 100 млрд.кВт соатро ташкил медиҳад Яке аз лоиҳаҳои ҷолиб ин Нерӯгоҳи барқи обии Дапштиҷум бо иқтидори 4000 МВт бо ғунҷоиши 17,6 $км^3$ мебошад.

Азхудкунии имкониятҳои ҳидрологӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ ҷолиб ва техникӣ асоснок мебошанд:
д. Оби-Хингоу (5- нерӯгоҳи обӣ, иқтидори умумиашон 712 МВт);
д. Сурхоб (4- нерӯгоҳи обӣ, иқтидори умумиашон 1077 МВт);
д. Кофарниган (5- нерӯгоҳи обӣ, иқтидори умумиашон 411 МВт);
д. Варзоб (3- нерӯгоҳи обӣ, иқтидори умумиашон 100 МВт);
д. Зарафшон (6- нерӯгоҳи обӣ, иқтидори умумиашон 640 МВт);
д. Фондарьё (4- нерӯгоҳи обӣ, иқтидори умумиашон 510 МВт);
д. Матче (5- нерӯгоҳи обӣ, иқтидори умумиашон 500 МВт);
д. Гунт (13- нерӯгоҳи обӣ, иқтидори умумиашон 356,4 МВт);
д. Бартанг (5- нерӯгоҳи обӣ, иқтидори умумиашон 485,9 МВт);

Таҳқиқотҳои пешакӣ нишон доданд, ки дар маҷрои дарёҳои дар болозикршуда, дар ноҳияҳои кӯҳӣ аз ҷиҳати техникӣ 900 нерӯгоҳҳои барқи обии хурди иқтидорашон аз 100 кВт то 3000 кВт-ро сохтан мумкин аст.

## Захираҳои ҳидроэнергетикии Тоҷикистон ва проблемаҳои истифодаи об дар Осиёи Марказӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон--мамлакати кӯҳӣ буда, баландии кӯҳҳои он аз 300 то 7495 м мебошанд, вай дар ҷанубу шарқии Осиёи Марказӣ ҷойгир аст ва ба баҳру укёнусҳо баромад надорад. 93% о фоизи марзи мамлакатро кӯҳҳо ишғол кардаанд, ки ба системаи кӯҳии баландтарин, ба монанди Тиён Шон, Ҳисору Олой ва Помир мансуб мебошанд. Дар ҳудуди мамлакат зиёда аз ҳазор пиряххои кӯҳӣ мавчуданд, калонтарини онҳо пиряхи кӯҳию водигии Федченко бо дарозии 77 км мебошад. Мамлакат дар ҳавзаи ду дарёи асосии минтақаи Осиёи Марказӣ: Амударё ва Сирдарё ҷойгир шудааст. Дар ҳудуди Тоҷикистон захираҳои асосии оби тамоми минтақа ташаккул меёбанд. Аз ҳаҷми умумии ҷараёни мавҷудаи минтақа дар ҳаҷми 115 км$^3$ бевосита дар Тоҷикистон 64 км$^3$ ташаккул меёбад. Агар ҳаҷми обро бо назардошти ҷараёни транзитии Сирдарё муайян намоем, пас бузургии умумии захираҳои оби мавҷуда 80 км$^3$-ро ташкил медиҳад, ки ин 70 фисади обҳои минтақаро ташкил медиҳад. Аз рӯи захираҳои умумии ҳидроэнергетикӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаҳон ҷойи 8-умро ва аз руйи захираҳо ба ҳар як нафар аҳолӣ бошад, 87,8 ҳаз. кВт/соат ба як нафар дар як сол дар ҷаҳон ҷои 2-юмро, аз рӯйи захираҳои хос бар воҳиди марзи мамлакат бошад, – 3,62 млн. кВт/соат ба 1 км$^2$ - ҷойи 1-умро дар ҷаҳон ишғол мекунад. Бузургии умумии захираҳои имконпазири ҳидроэнергетикии Тоҷикистон 527,06 млрд. кВт/соатро дар як сол ташкил медиҳад, аз онҳо танҳо 4-5%-аш истифода мешаваду бас. Қариб 50%, яъне зиёда аз 280 млрд. кВт/соат дар як сол аз ҷиҳати техникӣ имконпазир буда, аз ҷиҳати иқтисодӣ барои азхудкунӣ бо назардошти рушди босуръати сатҳи техникӣ ва технология самаранок мебошад.

**Захираҳои имконпазири ҳидрологии Тоҷикистон**

| Ҳавзаи дарёҳо | Иқтидори миёнаи солона, мВт.соат | Энергияи миёнаи солона, тВт.соат | Ҳисса дар ҳаҷми умумӣ, % |
|---|---|---|---|
| Панҷ | 14030 | 122,90 | 23,2 |
| Гунт | 2260 | 19,80 | 3,73 |
| Бартанг | 2969 | 26,01 | 4,93 |
| Ванҷ | 1191 | 10,34 | 1,96 |
| Язгулом | 845 | 7,40 | 1,39 |
| Қизилсу | 1087 | 9,52 | 1,78 |
| Вахш | 28670 | 251,15 | 48,00 |
| Кофарниҳон | 4249 | 37,22 | 7,00 |
| Кӯли Қаро-Кӯл | 103 | 0,90 | 0,17 |
| Сурхандарё | 628 | 5,50 | 1,03 |
| Зарафшон | 3875 | 33,94 | 6,38 |
| Сирдарё | 260 | 2,28 | 0,43 |
| Ҳамагӣ | 60167 | 527,06 | 100,00 |

Азхудкунии захираҳои ҳидроэнергетикии Тоҷикистон солҳои 60-уми асри 20 оғоз гардида, солҳои 1960-87 суръати баланди рушди ин соҳа дар ҷумҳурӣ мушоҳида гашт. Қайд бояд кард, ки дар тӯли бист соли охир истеҳсоли қувваи барқ дар ҷумҳурӣ устувор буда, меафзояд.Ҳар сол ба ҷумҳурӣ қариб 22-24 млрд. кВт соат қувваи барқ лозим аст. Бо назардошти он, ки ҳар сол дар ҷумҳурӣ 17-18 млрд. кВт соат қувваи барқ истеҳсол мешавад, норасоии он 5 млрд. кВт соат дар як солро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ баъзан дар фасли тирамоҳу зимистон қувваи барқ намерасад. Дар айни замон дар фасли тобистон истеҳсоли он аз қувваи барқи барои ҷумҳурӣ зарурӣ 1,5 млрд. кВт соат зиёд аст.

| | Нерӯгоҳи барқи обӣ (НБО) | Иқтидори муқарраршуда, МВт. |
|---|---|---|
| 1 | НБО-и Норак | 3000,0 |
| 2 | НБО-и Сангтӯда | 670,0 |
| 3 | НБО-и Бойғозӣ | 600,0 |
| 4 | НБО-2-и Сангтӯда | 220,0 |
| 5 | НБО-и Қайроққум | 126,0 |
| 6 | Силсилаи НБО-ҳои Вахш | 285,05 |
| | Аз ҷумла: | |
| 6.1. | НБО-и Асосӣ | 240,0 |
| 6.2. | НБО-и Зинагӣ | 29,95 |
| 6.3. | НБО-и Марказӣ | 15,1 |
| 7 | Силсилаи НБО-ҳои Варзоб | 25,43 |
| 8 | НБО-1-и Помир | 28 |
| 9 | НБО-и Хоруғ | 8,7 |

Сохтмони калонтарин дар Осиёи Марказӣ НБО-и Роғун соли 1976 оғоз шуда буд. Иқтидори лоиҳавии НБО-и Роғун ба 3600 МВт бо 6 агрегатҳои иқтидори ҳар якеаш 600 МВт –ӣ баробар буда, истеҳсоли электроэнергия дар як сол 13,1 млрд.кВт.соатро ташкил медиҳад. Ҳидроэлектроузели Роғун дар дарёи Вахш калонтарин буда, кори самараноки каскадро таъмин мекунад. Дар ҳолати пурра ба кор андохтани он имкониятҳои обию энергетикии дарёи Вахш пурра аз худ карда хоҳад шуд.

НБО-и Норак на танҳо ҷараёни бисёрсоларо танкзим мекунад, балки истеҳсоли электронергияро афзуда, ба тамоми минтақа муфид мешавад. Инчунин он таъйиноти маҷмӯӣ дошта, дар ҳавзаи дарёи Амударё ва баҳри Арал бо самти афзалиятноки ирригатсионӣ дошта метавонад.

Обанбори ҳидроузел (бусти обӣ) якҷоя бо обанбри Норак дар дарёи Вахш ва Туямуюн дар дарёи Амударё, ки ғунҷоиши умумии муфидашон 18-19 км³ аст, танзими бисёрсолаи ҷараёни Амударёро бо обихроҷнамоии кафолатноки иловагӣ ба андозаи 5,0-5,9 км³ дар заминҳои ҳавзаи Амударё (ки дар ҳудуди Ӯзбекистон ва Туркманистон воқеъ гаштаанд) таъмин карда метавонад. Хусусияти асосии минтақавии Осиёи Марказӣ аз он иборат аст, ки дар Тоҷикистон ва Қирғизистон, ки захираҳои ангишту нафт кам буда, заминҳои ками обӣ доранд, дар минтақаи ташаккули дарёҳои бузурги Осиёи Марказӣ –Сирдарё ва Амударё ҷойгиранд, Қазоқистон, Туркманистон ва Узбекистон бошанд, захираҳои

зиёди карбоҳидратӣ дошта, имкониятҳои васеъ кардани заминҳои корамро доранд ва дар минтақаи васеъшавии пароканиши ҷараёни ин дарёҳо ҷойгир мебошанд.
Дар ҳудуди Тоҷикистон 55,4%, дар Қирғизистон - 25,3%, дар Ӯзбекистон - 7,6%, дар Қазоқистон - 3,9%, в Туркманистон – 2,4%, дар ҳудуди Афғонистон, Чин ва Покистон - 5,4%. ҷараёни умумии ҳавзаи баҳри Арал ташаккул меёбанд. Масъалаҳои идоракунии захираҳои оби минтақа дар айни замон бо як қатор санаҳои давраи шӯравӣ ва баъдишӯравӣ ба танзим дароварда мешаванд. Санадҳои нисбатан муҳим дар ин самт ин Созишномаи Алмаато дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи идоракунии якҷоя бо истифода ва ҳифзи захираҳои об (соли 1992) ва Декларатсияи Нукус оид ба муаммоҳои рушди устувори ҳавзаи баҳри Арал (соли 1995) мебошанд, ки дар онҳо Сарони Давлатҳои Осиёи Марказӣ омодагии худро ҷиҳати эътироф намудани созишномаҳо, шартномаҳо ва дигар санадҳои меъёрии муносибатҳои тарафайнро оид ба захираҳои баҳри Арал танзимкунандаи пештар имзокарда ва ҳоло амалкунандаро тасдиқ намуданд ва омодагиро оид ба иҷроиши бевоситаи онҳо иброз карданд.

Ташаббусҳо дар соҳаи об, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, аз ҷониби Ассамблеяи Генералии СММ дастгирӣ ёфтаанд: Соли байналмилали оби тоза, 2003 Даҳсолаи Байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт!, 2005–2015», дар аҳли ҷомеа дарки зарурати гузариш аз муҳокимаҳо, ифодаиниятҳо ва эълом доштани ӯҳдадориҳоро ҷиҳати анҷом фаъолият ба корҳои амалиро мустаҳкам намуданд.

Захираҳои ҳидроэнергетикии Тоҷикистон хеле нотакроранд. Захираҳои солона дар ҷумҳурӣ ба ҳаҷми электроэнергияе, ки имрӯзҳо тамоми нерӯгоҳҳои тамоми мамлакатҳои Осиёи Марказӣ истеҳсол мекунанд (ҳам ҳидравликӣ ва ҳам гармоӣ) баробар аст. Дар барномаҳои давлатии Тоҷикистон инчунин ба ҳидроэнергетикаи хурд диққати ҷиддӣ дода мешавад, ки имкониятҳои умумии он зиёда аз 21000 МВт –ро ташкил медиҳад, ба замми ин қариб 50%-и онҳо аз ҷиҳати техникӣ барои азхудкунӣ аллакай имрӯз мувофиқ мебошанд. Мувофиқ нақшаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 дар мамлакат бояд 71 нерӯгоҳи хурд сохта шавад.

# Пешомадҳои гендерӣ дар идоракунии захираҳои обу замин дар Осиёи Марказӣ

Тағйиротҳое, ки солҳои охир дар соҳаи хоҷагии оби Осиёи Марказӣ ба вуҷуд меоянд, такмили сохтори пештараи идоракунии захираҳои обу замин, оқилона ва устувор истифода кардани онҳоро бо роҳи ҷорӣ намудани принсипҳои идоракунии ҳамгироёна (интегратсионӣ)-и захираҳои об ( ИҲЗО) тақозо менамоянд. Аммо қайд кардан зарур аст, ки аксар вақт навовариҳо ба ҷорӣ кардани и усулҳои нави идоракунӣ ва ҳаллҳои техникӣ вобаста мебошанд, вале ҷанбаҳои иҷтимоии истифодаи захираҳои замину обро, ки аз ҷумла дар мақоми гуногуни мардон ва занон, камбизоатҳо ва дороҳо ва ғ. ифода меёбанд, аз madди назар дур мегузоранд. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки баъзе амалҳои анҷомдодашуда ба ҳадафи худ намерасанд, зеро дар амалӣ гардонидани онҳо муносибатҳои иҷтимоӣ (аз ҷумла гендерӣ) ба таври зарурӣ ба инобат гирифта нашуданд. Дар натиҷа саҳми занҳо дар идоракунӣ ва истифодаи захираҳо ба инобат гирифта нашуда, дастрасии онҳоро ба захираҳо, вомҳо, бозор ва дигар неъматҳо мушкил мегардонад. Идоракунии устувори захираҳои об бояд ин ҷиҳатҳоро ба инобат гирифта, барои ҷалби занону мардон муносибатҳои гуногунро истифода намояд.

Пешомадҳои гендерӣ ва ИҲЗО – мафҳумҳои ҳам барои мутахассисони об ва ҳам ба аҳли ҷомеа нисбатан нав мебошанд. Дар айни замон ҷорӣ кардани пешомадҳои перспективӣ дар идоракунии захираҳои об дар бисёр санадҳои дуҷониба ва бисёрҷониба дар сатҳҳои гуногун Конференсияи байналмилалӣ оид ба аҳолӣ ва рушд (1994, Қоҳира), Конференсияи чоруми умумиҷаҳонии занон (1996, Пекин), Саммити Ҳазорсолаи СММ (2000, Ню-Йорк), Саммити умумиҷаҳонӣ оид ба рушди устувор эътироф шудаанд. Хусусан робитҳои онҳо дар конференсияҳои глобалӣ оид ба захираҳои об Мар дел Плата (соли 1977), Бонн (соли 2001), Гаага (соли 2002 ) ва Киото (соли 2003) муҳокима гардиданд.

Сарфи назар аз чунин эътирофи умумӣ дар сатҳи байналмилалӣ маъалаҳои гендерӣ дар Осиёи Марказӣ ба таври зарурӣ нест.

# Амалияи идоракунии захираҳои об аз мавқеи муносибати экосистемавӣ

1. Мувофиқи принсипҳои ИҲЗО, захираҳои об ва дигар захираҳои ба онҳо вобастаи замин ва дигар захираҳои табиӣ дар ҳудуди обғундорӣ бояд чун объекти истифода, идоракунӣ, ҳифз ва рушди якҷоя баррасӣ карда шаванд.

Масъулият ва ӯҳдадориҳо бояд байни обистифодабарандагон чунон тақсим карда шаванд, ки танзими истифодаи об ҳифзи устувор ё рушди имкониятҳои табииро таъмин карда, камшавии онро пешгирӣ намоянд. Мувофиқи тартиботи муқарраршуда тамоми захираҳои оби ҳавза дар ҳамҷоягӣ бо фаъолияти иқтисодии одамон, бо баҳисобгирии мувофиқи захираҳои об, замин ва дигар захираҳо барои истифодаи як қатор маҳдудияткуниҳо ва иҷроиши тадбирҳои солимгардонӣ бо мақсади рушди устувор бояд баррасӣ гардад.

2. Дар асоси қонунгузорӣ, меъёрҳо ва созишномаҳои байналмилалӣ давлат ба зиммаи худ масъулиятро гирифта, бо ёрии мақомоти ҳифзи муҳити зисти худ назоратро аз болои иҷроиши обфарории меъёри (*попускҳо)*-и экологӣ ва санитарӣ, инчунин меъёрҳои ҳифзи обҷориҳо анҷом медиҳад.

3. Давлат бояд ба таркиби ИҲЗО ворид намудани компоненти экологӣ на танҳо дар намуди иштироки онҳо барои таҳияи тасмим (қарорҳо) дар тамоми сатҳи иерархияи хоҷагии об ба сифати иштирокчии баробарҳуқуқ мусоидат намояд, балки барои табдили «Шӯрои ҳавзаҳо» ба «Шӯрои маҷмӯъҳои табиии ҳавзаҳо», ки дар ҷои аввал фаъолиятро барои дастгирии устувори комплексҳо (маҷмӯъҳо)-и табиӣ мегузоранд, кӯмак расонад.

4. Идоракунии захираҳои об бояд ба принсипи обгирии устувори аз ҷиҳати экологӣ ҷоиз барои пешгирии имконияти истифодабарии барнагарданда такя намояд. Дар ҳолате агар ин сатҳ боло бошад, мамлакатҳо-истеъмолгарон бояд ба фонди байналмилалии ҳавза ба сифати пардохт барои истифодаи зиёдатии захираҳои табиӣ саҳмгузорӣ намуда, чорабиниҳои чубронкунандаро амалӣ созанд.

Агар ҳар як обистеъмолкунанда, ки аз сатҳи имконпазири обгирӣ бештар об мегирад, ба фонди хифзи экологии ҳавзаи дарёӣ маблағҳо ворид намояд, пас барои истифода кардани ин маблағҳо

барои амалисозии корҳо чиҳати беҳтар намудани шароити экологӣ дар тамоми ҳавза имкон пайдо мешавад.

5. Бо мақсади чун объектҳои табиӣ нигоҳ доштани дарёҳо ва обанборҳо партобҳо аз обанборҳо ва ҷараёни дарёҳо дар давраи тобистон набояд аз сатҳи миёнаи бисёрсола (ки дар асоси мушоҳидаҳои бисёрсола муайян карда шудаанд) кам ва дар давраи зимистон барои мавсимҳои мувофиқ набояд аз он зиёд бошад.

Риояи ин қоида ба ташноб мубаддалгардии дарёҳоро пешгирӣ мекунад.

6. Чанбаҳои экологӣ бояд ба нақша ва Барномаҳои ИҲЗО на танҳо дар сатҳи ҳавзавӣ, суб-ҳавзавӣ ё минтақавӣ ворид карда шаванд.

Ҷой барои ҳалли муаммоҳои табиӣ дар ҳар як система ё канал ё ассотсиатсияи истифодабарандагони об -АИО мавҷуд аст. Ин барқарор кардани ландшафтҳои табиии вайроншаванда дар натиҷаи эрозия, обзеркунӣ, маҳвшавии дарахтони ҷангал, арзёбии обҳои изофии гирифташуда, истифода накардани манбаъҳои маҳаллӣ ва ба тартиб даровардани ин масъалаҳо мебошад. Ин ба рӯйхатгирии ҷойҳои мавҷудаи манбаъ ва соҳаи паҳншавии ифлоскунандаҳои намудҳои гуногун ва мубориза алайҳи онҳо, маҳдуд кардани паҳншавии онҳо аст. Ҳамаи ин бояд дар доираи унсури экологии ИҲЗО бо нерӯи мақомоти ҷамъиятӣ оид ба роҳбарӣ ва идоракунии каналҳо, АИО ва тадриҷан дар ҳудуди системаҳо ва субҳавза ташкил намудани экспертизаи экологии идоракунӣ чун мақоми амалкунанда ва барқарор намудани маҷмӯи табиӣ амалӣ гардад.

7. Дар маҷмӯи ҳифзи табиат кофтани заҳбуру заҳкаш ва идоракунии системаи заҳбурӣ ва партобобҳои заҳкашҳо ҷои махсусро ишғол мекунанд.

Робитаи байниҳамдигарии обҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминӣ ва заҳбурҳо -чанбаи муҳими идоракунии обу ҳолати мелиоративӣ аст, зеро истифодаи зиёди об барои обёрӣ на фақат боиси талафи об мегардад, балки ҳолати мелиоративии заминро низ бад карда, боиси деградатсияи он мешавад. Барои ин беҳтар кардани кори хадамоти мелиоративӣ бо таҷҳизот ва воситаҳои зарурӣ муҷаҳҳаз кардани он, ҷорӣ намудани ГИС ва воситаҳои фосилавии назорат барои арзёбӣ ва мониторинги ҳолатҳои замин зарур аст. Бояд ба инобат гирифт, ки ботлоқшавӣ ва шӯршавии заминҳо боиси паст шудани сатҳи ҳосилнокӣ мегардад.

**Тавсифоти муқоисавии системаи мавҷудаи идоракунии захираҳои об ва ИҲЗО (ИУВР).**

| Камбудиҳои системаи мавҷудаи идоракунии захираҳои об | Дастовардҳо ҳангоми амалисозии принсипҳои идоракунии ҳамгироёна (интегратсионӣ) |
|---|---|
| Ҳудудҳои маъмурии идоракунӣ | Идоракунӣ дар асоси ҳудудҳои ҳидрологӣ (кафолати таъмини устувор ва баробарҳуқуқи об новобаста аз ҷойгиршавии обистифодабаранда) |
| Талафоти зиёди ташкилии об бинобар номувофиқат кардани амалҳои идоракунӣ дар сатҳҳои гуногуни иерархия | Ҳадди ақал кам кардани талафи ташкилии об бо роҳи ҳамоҳангсозии аниқи амалҳо дар ҳамаи сатҳҳои иерархияи идоракунӣ. |
| Аксар вақт мувофиқат накардани байни самти сиёсат, қонунҳо ва идоракунӣ | Ҳамгироии байни сиёсат, қонунгузорӣ ва идоракунӣ |
| Равондид ( протседураҳо)-и сахте, ки аз боло пешниҳод карда мешаванд | Қонунгузории чандир, ки ба шароити мунтазам рушдкунанда ҷавобгӯ мебошанд (демократонии ҷомеа ва гузариш ба муносибатҳои бозорӣ) |
| Сохторҳои бисёрсатҳаи бюрократӣ, ки аз марказ нокифоя маблағгузорӣ мешаванд | Асосан ташкилотҳои худмаблағгузор бо қисман дастгирӣ намудани давлат дар масъалаҳои рушд |
| Номуайян будани хароҷоти молиявии воқеӣ ба хидматҳо дар соҳаи хоҷагии об | Воситаҳои банақшагирӣ ва пардохт дар асоси хароҷоти воқеӣ оид ба идоракунӣ |
| Набудани робитаи байни хидматрасонӣ ва пардохт | Амалисозии принсипи «пардохт барои хидмат». Механизми худкифоии хидматҳо. |

| | |
|---|---|
| Мавҷуд набудани ҳавасмандӣ барои сарфаи об (баланд бардоштани маҳсулнокии об) | Аз ҷониби тамоми аъзоёни ҷомеа дарк намудани он, ки об-захираи маҳдуд аст. Ҷорӣ намудани ангезаҳо (стимулҳо)-и баланд бардоштани маҳсулнокии об ва сарфаи об. |
| Номуайян будани миқдори талафотҳои воқеӣ бинобар ғайриқаноатбахш будани ҳидрометрия. | Рушди ҳидрометрия. Баҳисобгирии дақиқи обдиҳӣ ва обҷудокунӣ |
| Иштирок накардани бисёр тарафҳои ҳавасманд дар раванди қабули қарорҳо (тасмимҳо). | Машварат бо аҳли ҷомеа, ҷалб кардани тарафҳои ҳавасманд ба раванди қабули қарорҳо. |
| Мавҷуд набудани ҳисоботдиҳӣ дар назди истифодабарандагони хидматҳо (обистифодабарандагон) | Идоракунӣ бо иштироки тамоми тарафҳои ҳавасманд амалӣ мешавад, хидматҳо дар асоси шартномаҳо расонида мешаванд. |
| Якҷоя амал накардани обистифодабарандагон ва сусти (заифи)-и онҳо (ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ ) | Ассотсиатсияи истифодабарандагони об ба сифати шахсони ҳуқуқӣ дар муносибатҳои тарафайн бо мақомоти хоҷагии об ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои аниқ доранд. |
| Нигоҳ доштани фармоиши давлатӣ ва нархҳои харидкунии доимӣ ба намудҳои асосии маҳсулоти кишоварзӣ | Интихоби сохтори кишт аз ҷониби фермерон дар асоси талаботи бозор муайян карда мешавад, нархҳоро бозор танзим мекунад. |
| Мавҷуд набудани тасмимҳо оид ба аксар муаммоҳои муҳити зист | Ҳифзи муҳити зист ва ҷудо кардани об барои эҳтиёҷоти ҳифзи муҳити зист |
| Мавҷуд набудани баҳисобгирии ягона оид ба | Ба нақшагирии ягонаи истифодаи обҳои рузаминӣ ва зеризаминӣ бо |

| | |
|---|---|
| истифодабарии обҳои рӯзаминӣ ва зеризаминӣ, инчунин безараргардонии партобобҳои бозгашта | назардошти безараргардонии обҳои бозгашта |

**Адабиёти истифодашуда:**


1.Таджикистан 2002. Состояние окружающей среды. Глобальный контекст.

2.Таджикистан 2002. Состояние окружающей среды. Водные ресурсы. Состояние и тенденции.

3.Национальный доклад по реализации Орхуской конвенции в Ремпублике Таджикистан за 2011-2013 годы. Душанбе 2013.

4.Гендерные перспективы в управлении земельно-водными ресурсами в Центральной Азии. А.Зиганшина,Ташкент, 2012

5.Практика управления водными ресурсами с позиций экосистемного подхода. Духовный В.А., Соколов В.И., Ташкент, 2005

6.Теоретический курс лекций по внедрению системы ИУВР. Кизилорда, 2012

7.Глобальные водные инициативы Таджикистана.

8.Национальное водное партнерство. ОО «Водное партнерство РТ», 2013

9.Озеро Сарез. Справочник «Реки и озера СССР»,1971

10.Таджикистан серьезно обеспокоен таянием своих ледников. Пайрав Сулаймониев, 25.02.2014

11. Достопримечательности Таджикистана. Маргузорские озера

# КОНВЕНСИЯИ ОРХУС

Конвенцияи Комиссияи Иқтисодии Аврупо оид ба дастрасии маълумот, иштироки ҷомеа дар раванди қабули қарорҳо ва дастрас будани адолати судӣ вобаста ба масъалаҳои муҳити зист чун «Конвенсияи Орхус» - номи шаҳри Дания маъмул буда, **25 июни соли 1998** дар Конференсияи чоруми Вазирони «Муҳити зист барои Аврупо» қабул шуда буд.

**9 июни с. 2001** бо Указе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари мо ба Конвенсияи мазкур шомил шуд.
Конвенсияи Орхус - ин Конвенсияи шакли ҷадид буда, барои пурқувват кардани мақоми намояндагони аҳли ҷомеа ва ташкилотҳои экологӣ дар раванди муҳофизат ва беҳтар кардани муҳити зист барои наслҳои оянда равона карда шудааст. Конвенсияро на фақат чун механизми ҳифзи муҳити зист, балки чун воситаи мусоидат ба демократия баррасӣ метавон кард. Конвенсия аз заминаи асосӣ иборат, аст, ки ҳадафҳои онро ифода мекунанд:

- Таъмин намудани дастрасии кушод ба намояндагони аҳли ҷомеа ба маълумоти экологии дар ихтиёри мақомати давлатӣ мавҷуд буда ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳи ошкорбаёнии ин мақомотҳо ва ҳисоботдиҳии онҳо ба аҳли ҷомеа;
- Ба одамон пешниҳод кардани имконият барои изҳор кардани ақидаи худ ва ғамхорӣ нисбати ҳалли масъалаҳои экологӣ ва таъмин намудани баҳисоб гирифтани онҳо аз ҷониби шахсоне, ки барои қабули қарорҳо масъул мебошанд;
- Таъмин намудани дастрасӣ ба аҳли ҷомеа ба равондиди парвандаҳо оид ба вайрон кардани ҳуқуқи онҳо ба маълумоти экологӣ ва иштирок, дар баъзе мавридҳо пешниҳод кардани даъво барои вайрон кардани қонунгузории экологии характери умумидошта.

Бо мақсади амалисозии муқаррароти Конвенсияи Орхус назди Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маркази захиравии Орхус ташкил карда шудааст.
Вазифаҳои Маркази захиравии Орхус :
•Таъмин намудани ҳуқуқҳои аҳли ҷомеа барои сари вақт дастрас намудани иттилооти саҳеҳ ва пурра оид ба муҳити зист, дар бораи фаъолияти пешбинӣ ва амалишаванда, ки ба муҳити зист таъсир карда метавонад;

•Муқаррар намудани робитаҳои мустаҳкам байни ҷомеа ва мақомоти давлатӣ;
•Расонидани кӯмаки амалӣ ба ташкилотҳои ҳукуматӣ ва хизматчиёни давлатӣ ҷиҳати ичро кардани вазифаҳои онҳо оид ба амалисозии нуктаҳои Конвенсия;
•Баланд бардоштани савияи маълумотгирии аҳли ҷомеа оид ба муаммоҳои муҳити зист;
•Мусоидат кардан ба иштироки аҳли чомеа дар раванди қабули қарорҳо ва дастрасии адолати судӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист;
•Пешниҳод кардани иттилооти экологӣ аз рӯи дархостҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ;
•Машварат додан ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ оид ба истифодаи ҳуқуқ барои дастрасии иттилооти экологӣ , иштирок дар раванди қабули қарорҳо ва дастрасии адолати судӣ оид ба масъалаҳои экологӣ;
•Гузаронидани чорабиниҳои маърифатию фарҳангӣ (семинарҳо, маърӯзаҳои ҷамъиятӣ ) аз ҷумла баланд бардоштани тахассуси кормандон;
•Чопи мақолаҳо дар ВАО, радио ва телевизион, гузаронидани чорабиниҳои тарғиботӣ;
•Ҷойгиронии маълумот дар интернет;
•Кӯмак расонидан ба мақомоти ҳукуматӣ оид ба таҳияи накшаҳои амалисозии чорабиниҳои Конвенсияи Орхус ва протоколҳои он;
•Мусоидат ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба дастрасии лоиҳаҳои санадҳои ҳуқуқию меъёрӣ, барномаҳо, нақшаҳо, стратегияҳо дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва ташкили муҳокимаи онҳо.

**Суроғаи Маркази захиравии Орхус:**
***ш.Душанбе , кӯчаи Шамси 5/1 , ошёнаи 2***
***Тел./факс: 236 -55-74***
***Тел.Моб. 93 4630080***
***e-mail: sulhiya777@mail.ru***